

Бахшида ба 23-юмин солгарди Рӯзи Конститутсияи Чумхурии Точикистон дар Донишкадаи харбии Вазорати мудофиа, конфронси илмӣ-амалӣ ташкилу ба рох монда шуд. Зимни он афсарону, муаллимон ва курсантони Донишкадаи харбии Вазорати мудофиа доир ба мавзуъхои гуногуни хукукӣ, аз чумла накши Конститутсия ва тахкими Вахдати миллӣ дар конунгузории  Чумхурии Точикистон, Конуни танзим ва вазъи иктисодию ичтимоии шахрвандон дар шароити муосир маърӯза намуда, модда ва бобхои алохидаи Конститутсияи Чумхурии Точикистонро шарху тавзех доданд.

Инчунин кайд карданд, ки Конститутсия барои миллати Точик хамчун заминаи шаклгирии миллӣ, тахкими амнияту суботи сиёсии Точикистон ахамияти хосса дорад.

Дар рафти чорабинӣ сардори шуъбаи хукукӣ Дастгохи вазири  мудофиа  доир ба Конститутсия- хамчун санади олии хукукӣ дар назди хозирин сухан гуфта, таъкид доштанд, ки баъди ба даст овардани Истиклолияти давлатӣ дар хаёти сиёсиву иктисодии   миллати куханбунёди  Точик дигаргунихои назарррас ба вучуд омада,  дар ин давра барои чомеае, ки асосхои бунёдии онро таъмини хукуку озодихои инсон ташкил медихад, орзӯи халки Точик дар масири таърих буд.

Аз замони ба даст овардани Истиклолияти давлатӣ то ба имрӯз дар ташаккули давлатдории миллӣ ва пойдории сулху субот   Конститутсияи Чумхурии Точикистон накши мухими худро гузошта истодааст. Аз ин рӯ, хамасола бо тантана ва шукӯху шахомати хоса тачлил намудани ин рӯз барои миллати куханбунёди точик басо мухим мебошад.

**МАРКАЗИ МАТБУОТИ ВАЗОРАТИ МУДОФИАИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН**